«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон, академики Академияи
илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон,
_______________ Имомзода М. С.
«______» _______________ 2020

**Тақризи**

**муассисаи пешбари тақриздиҳанда – кафедраи таърихи дунёи қадим, асрҳои миёна ва бостоншиносии факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Шарифзода А. Қ. дар мавзӯи «Ганҷииаи дирҳамҳои сомонии Кӯлоб ҳамчуи сарчашмаи таърихӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ. - Душанбе, 2020. 176 с.**

Таҳқиқоти диссертатсионии Шарифзода Абдувалӣ Қурбоналӣ дар мавзӯи «Ганҷинаи дирҳамҳои сомонии Кӯлоб ҳамчун сарчашмаи таърихӣ» бо қарори Шӯрои дисертатсионии 6D-КОА-005 назди Пажӯҳишгоҳи таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тақриз ба Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳамчун муассисаи пешбари тақриздиҳанда ирсол гардида, он дар ҷаласаи васеи кафедраи таърихи дунёи қадим, асрҳои миёна ва бостоншиносии факултети таърихи донишгоҳи мазкур мавриди муҳокима қарор гирифт.

Дар муҳокимаи рисолаи диссертатсионӣ шахсони зерин иштирок намуданд: Хоҷаев М.П. мудири кафедра, н.и.т., дотсент, Қушматов А. д.и.т., профессор, Шарифов Р.Я. д.и.т., профессор, Маҳмадшоев Р. д.и.т., профессор, Муллоҷонов С. д.и.т., дотсент, Зиёзода Т.Н. д.и.п., дотсент, Асоев С. н.и.т., дотсент, Наҷотова Н. н.и.т., дотсент, Асрориён Ҷ. н.и.т., дотсент, Азизов М. муаллими калон, Мирзоалиев И. муаллими калон, Шоинбеков Ф. ассистент, Муродов Н. ассистент.

Муассисаи пешбари тақриздиҳанда дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби д.и.т., профессор Қушматов А. ва номзадҳои илми таърих, дотсентон Хоҷаев М.П., Асоев С., Наҷотова Н., Асрориён Ҷ. таҳия ва

омода гардид, қайд менамояд, ки рисолаи Шарифзода А. Қ. ба мавзӯи хеле муҳим бахшида шуда, маълумоти нав ва ҷолиб доир ба сиккашиносӣ ба илм пешкаш намуд.

Яке аз бахшҳои муҳими илми таърих сиккашиносӣ дониста мешавад. Сиккашиносӣ ба ҳайси яке аз донишҳои ёрирасони таърих асноди нодиру арзишмандро дар ихтиёри пажӯҳишгарон қарор медиҳад. То ин дам даҳҳо муаммои таърих аз баракати ахбори сиккаҳо равшан шуда, ковишҳо дар ин замина идома доранд. Яке аз ҷустуҷӯҳои пайгиронаи муаррихони тоҷик ба кашфиёти нодиру пурборе хатм шуд, ки он бо номи «Ганҷинаи Кӯлоб» машҳур аст. Рисолаи мазкур ба омӯзиши ин ганҷина бахшида шудааст. Аҳамияти илмии рисолаи мазкур дар он аст, ки ба таҳқиқи яке аз бузургтарин ганҷинаҳои дар қаламрави Тоҷикистон ёфтшуда ва он ҳам аз замони Сомониён бахшида шудааст. Нахустин бор дар қолиби як рисолаи номзадӣ чунин сарчашмаи муътабар таҳқиқу баррасӣ карда мешавад.

Рисолаи Шарифзода А.Қ. аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва феҳристҳо иборат мебошад.

Дар муқаддимаи рисола (с. 4-16) муаллиф аҳамияту ҷойгоҳи мавзӯи таҳқиқотии хешро баён намуда, қайд мекунад, ки нақши сиккаҳо ва ба хусус Ганҷинаи Кӯлоб дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик муҳим мебошад. Сипас, дараҷаи омӯзиши мавзӯи хешро дунбол мекунад. Бояд гуфт, ки тақрибан тамоми осори то ин замон дарҷшуда ба нақду баррасӣ кашида мешаванд. Ҳафт мақсаду ҳадафи муаллиф дар ин кори таҳқиқотӣ баён гардида, минбаъд сарчашмаҳои асосии таҳқиқ, навгониҳои рисола, муқаррароти барои дифоъ пешниҳодшуда ва аҳамияти назариявии таҳқиқ низ дар ин қисмат ироа шудаанд. Муаллифи рисола қайд мекунад, ки дар қаламрави давлати Сомониён 63 зарробхона фаъолият мекардааст. Доираи гардиши ин сиккаҳо аз маҳдудаи ҳукумати амирони сомонӣ берун рафта, то ба Аврупои Шарқӣ расид, ки сиккаҳои бозёфтшуда аз ҷойҳои

гуногун гувоҳи ин муддаост. Аз миёнаи асри XIX кашф ва таҳқиқи сиккаҳои сомонӣ оғоз гардид, ки пешсафони ин ҷодда муҳаққиқони аврупоӣ ба шумор меоянд.

**Боби нахустини рисола** «Ганҷинаи Кӯлоб ва омӯзиши сиккаҳои сомонӣ» ном дорад. Ин боб аз ду бахш иборат мебошад. **Зербоби якуми боби аввал** «Таркиби Ганҷинаи Кӯлоб» (сс. 17-45) ном дорад. Муаллиф дар ибтидои мабҳаси ин зербоб ҷараёни пайдо шудани Ганҷинаи Кӯлоб дар деҳаи Ботомтуи ноҳияи Шамсиддини Шоҳин дар соли 2015-ро баён мекунад. Ҷолиб ин аст, ки муаллифи рисолаи мазкур дар амри пайдо ва таҳқиқ кардани ганҷинаи зикршуда иштироки мустақим доштааст. Шарифзода А. пас аз омӯзиши амиқи сиккаҳо ва натиҷагирӣ ба хулосае меояд, ки ин ганҷина барои омӯзиши сиккасозӣ ва муомилоти пулии давраи Сомониён аҳамияти махсус дорад. Дар ин бахши рисола ҳамчунон таъкид шудааст, ки ганҷина аз 1405 дирҳам ва 104 дирҳами шикаста иборат мебошад, ки сиккаҳои он ба асрҳои VIII-X тааллуқ доранд. Сиккаҳо ба чор сулолае, ки бо навбат бар Мовароуннаҳр ҳукумат кардаанд – Умавиён, Аббосиён, Саффориён ва Сомониён мансубанд, вале аксари сиккаҳо аз зарробхонаҳои сомонӣ берун омада, муддате дар гардиш будаанд, ки ҳолати онҳо гувоҳи ин мебошад. Муаллиф бо тартиб як дирҳами уммавӣ, ки дар Дуқуз зарб зада шудааст, 23 дирҳами аббосӣ, 4 дирҳами саффориро тавсиф кардааст. Сипас ба шарҳу тавзеҳи 1370 дона сиккаи Сомониён мепардозад. Ин дирҳамҳо ба се амири хонадони сомонӣ – Исмоил, Аҳмад ва Наср тааллуқ доранд. Муаллиф номи тамоми зарробхонаҳоеро, ки 1370 сиккаро баровардаанд нишон додааст, ки аҳамияти муҳим дошта, заҳмати фаровонро тақозо мекунад. Дар рисола баъзе муаммоҳои сикказанон низ тавзеҳ дода мешавад. Аз ҷумла, сабабҳои зарби сиккаҳо ба номи Аҳмад ибни Исмоил то ба қудрат расидани ӯро муайян кардааст, ки факти ҷолиб дар сиккашиносии тоҷик дониста мешавад. Ин зербоб ба тавсифи сиккаҳои шикаста, сабаби

шикаста будани он ва истилоҳи роиҷи сиккаҳои шикаста, дар асрҳои миёна ва ду ҷадвали муқоисавӣ ба анҷом мерасад.

**Дар зербоби дуюм, ки** «Гурӯҳбандии намудҳои дирҳамҳои Ганҷинаи Кӯлоб» (сс. 46-96) ном дорад, муаллиф дар хусуси дирҳамҳои умавиён, аббосиён ва саффориён муҳтаво, вазн, миқдор ва аҳамияти сиккаҳо маълумот додааст. Қайд мешавад, ки навиштаҷоти сиккаҳо ғолибан характери динӣ дошта, ин чиз бештар дар сиккаҳои умавӣ (ҳамагӣ 1 адад) бештар ба мушоҳида мерасад. Дар ин қисмат хулосаи муаллиф пешниҳод гардидааст, ки қобили таҳсин ва дур аз воқеият ва ҳақиқати таърихӣ намебашад. Дар сиккаҳои аббосӣ (23 адад) номи халифаҳо Мустаъин, Муътаз, Муътамид, Муътазид, Муктафӣ ва Муқтадир зикр мешавад. Ба ҷуз номи халифа, санаи зарб шудани сикка, зарробхона, шиорҳои динии мундариҷ дар сиккаҳо ва дигар мушаххасоти он баён гардидааст. Бояд ёдовар шавем, ки муаллифи рисола намудҳои сиккаҳои аббосиро низ муайян кардааст. Барои такмили маълумот ва хулосаи дуруст баровардан ба сарчашмаҳои таърихӣ низ ишора карда мешавад, ки бозгӯи ҷиддият кор ва пухтагии муаллифи рисола мебошад. Дар поёни ин зербоб 4 сиккаи мансуб ба Саффориён ва муҳтавои ин сиккаҳо гузориш дода мешавад. Қисмати бештари ин зербоб ба тавсифи сиккаҳои Сомониён бахшида шудааст. Тавре муаллиф навишта, сиккаҳои сомонӣ ба Исмоил ва фарзандаш Аҳмад, инчунин набераааш Насри II мансуб мебошанд. Дар тамоми сиккаҳои Исмоил номи ду халифаи ҳамзамонаш Муътазид ва Муктафӣ оварда мешавад. Ин ҷо бемаврид нест ишораи Наршахии муаррих, ки муаллифи рисола онро таҳқиқ ва тасдиқ карда оварда шавад, ки фармуда буд, «Исмоил як лаҳза ба халифа осӣ нашуд». Сиккаҳои Насрро, ки бештарини ганҷинаро ташкил медиҳанд, муаллифи рисола ба 23 намуд тақсим кардааст. Бештари сиккаҳои сомонӣ ба намуд ва гузинаҳо ҷудо гардидаанд ва ҳаққо, ки муаллиф дар ин замина чунин таҳқиқро мӯшикофона ба анҷом расонидааст.

**Боби дуюми рисола** «Зарробхонаҳо ва сулолаи маҳаллии Баниҷуриён» ном дорад. **Зербоби аввал** «Зарробхонаҳои сомонии Ганҷинаи Кӯлоб» (сс. 97-114) номида шудааст. Муаллиф қайд мекунад, ки омӯзиши Ганҷинаи Кӯлоб на танҳо доир ба сиккасозӣ ва муомилоти пулӣ дар Хуттали даврai Сомониён, балки ҷиҳати таҳқиқи таърихи сулолаҳои маҳаллӣ низ аҳамияти хос дорад. Дар Ганҷинаи Кӯлоб сиккаҳое, ки дар шаҳри Андароба ва Хуттал зарбзадашуда хеле зиёданд. Мувофиқи ахбори сиккаҳо муаллиф ба чунин хулоса кардааст, ки як муддат Андароба зери итоати ҳокими Хуттал Ҷаъфар ибни Аҳмад будааст. Бар асоси ахбори сиккаҳо инчунин яке аз шахсиятҳои маъруфи Хуттал Аҳмад ибни Муҳаммад, ки ҳокими Хуттал аст, муайян карда шудааст. Дар сиккаҳои Ганҷинаи Кӯлоб номи зарробхонаи Бадахшон низ дида мешавад, ки аз гардиши сиккаҳои сомонӣ дар ин минтақа гувоҳӣ медиҳад. Инчунин сиккаҳое аз зарробхонаҳои Чоч (Шош), Панҷҳир, Маъдин, Самарқанд, Балх, Хуттал, Нишопур, Суғд тазаккур дода мешавад. Муаллифи рисола монандӣ ва дигаргунии сиккаҳои аз номи як амир ва дар як зарробхона зарб задашударо муайн карда, вуҷуди нуқта, ишора ва нақшҳои ороишии сиккаҳоро ҳам тазаккур додаанд. Дар қисмати ба зарробхонаҳо дахлдошта таъкид мешавад, ки дирҳамҳои Ганҷинаи Кӯлоб аз 19 зарробхонаи Сомониён берун омадаанд, ки пайдо шудани номи ду зарробхона – Суғд ва Вахш аз навгониҳои ин рисола мебошад, ки аҳамияти муҳими илмӣ дорад. Муаллиф дар маҷмӯъ вуҷуд доштани 4 зарробхонаи Хуттал дар замони Сомониёнро баён мекунад, ки баъзе хулосаҳои он аз рӯи сиккаҳои Эрмитаж бароварда шудааст. Яъне, муаллиф ба иловаи Ганҷинаи Кӯлоб дигар сиккаҳои сомониро низ таҳқиқ кардааст, ки гувоҳи ворид будани ӯ ба масъалаи мавриди таҳқиқ мебошад.

**Зербоби дуюми** ин боб «Аҳамияти Ганҷинаи Кӯлоб дар таҳқиқи сулолаи Баниҷуриён» (сс. 115-131) ном дорад. Муаллиф пас аз баррасии ахбори сарчашмаҳо роҷеъ ба сулолаи Баниҷӯриён ба баррасии ахбори

сиккаҳо мепардозад. Тавре маълум аст, силсилаи Баниҷуриён бо вуҷуди машҳур будану муддати тӯлонӣ ҳукумат кардан, саҳифаҳои норавшани зиёде дорад. Баромади иҷтимоӣ ва нажодии ин дудмон бо нофаҳмиву суолҳои зиёде ҳамроҳ аст. Аз ин рӯ, сиккаҳо ягона манбаъе мебошанд, ки ахбори сарчашмаҳои таърихиро такмил мекунанд. Бештари тахмину гумон ва фарзияҳо роҷеъ ба ин сулоларо муаллифи рисола тазаккур додааст. Бар асоси ахбори Яъқубии муаррих дар рисола қайд шудааст, ки саравлоди ин хонадон фаъолияти сиёсии худро ба ҳайси сафир оғоз кардааст. Миёни муаррихон дар бораи ин сулола баҳсҳои домандор сурат гирифтааст. Бар асоси сиккаҳои қаблан ба даст омада ва сиккаҳои Ганҷинаи Кӯлоб ба хулосае расидааст, ки аз замони Исмоил ибни Аҳмад Хутал хироҷгузор ва тобеи Сомониён гардидааст. Муаллиф бар пояи ахбори сарчашмаҳои таърихӣ ва махсусан сиккаҳо чор шохаи силсилаи Баниҷуриёнро муайян кардааст, ки инҳо шохаҳои Ҳошими ибни Баниҷур, Шохаи Бек, шохаи Довуд ибни Баниҷур ба шумор мераванд. Намояндагони ин силсила ҳамзамон дар Балху Тахористону Хатлон ҳкумат кардаанд. Аммо ахбори сиккаҳо низ ба тамоми саволҳову муаммоҳои пешомада роҷеъ ба ин сулола ҷавоб дода наметавонад. Аммо муаллиф бар асоси ному насаби ин хонавода ва муддати тӯлонӣ ҳукумат кардани он маҳаллӣ ва хуттали будани ин сулоларо аз эҳтимол дур намедонад.

**Боби сеюми рисола** «Сиккасозӣ ва муомилоти пулии Хатлон дар замони Сомониён (асрҳои IX-X)» номиду шудааст. Ин боб барои таърихнигории миллӣ хеле муҳим буда, натиҷаҳои он дар таърихномаи ояндаи миллӣ ҳатман дарҷ хоҳанд гашт. **Зербоби аввал** «Даврабандии муомилоти пулии Хатлон дар асрҳои IX-X» (сс. 132-146) ном дорад. Муаллифи рисола қайд кардааст, то ин дам 6 ганҷинаи нисбатан хурд ва 1 ганҷинаи бузурги дирҳамҳои сомонӣ, ки мавзӯи ин таҳқиқот мебошад, ба пажӯҳишгарон маълум мебошад. Бозёфти ин сикааҳо шаҳодат аз он

медҳанд, ки дирҳамҳои сомонӣ дар қаламрави Хатлон ба таври васеъ паҳн гашта, дар муомилоти ин давра нақши асосиро мебозиданд. Сиккашиносии варзидаи тоҷик Д. Доувудӣ се давраи муомилоти молию пулии Хатлонро ҷудо кардааст, ки аз соли 883 то поёни ҳукумати Сомониён идома ёфтааст. Ин даврабандиро муаллифи рисола саҳеҳ дониста, фикру мулоҳизаҳои хешро дар атрофи он баён мекунад. Давраи аввал, замони пайдоиш ва ташаккули сиккаҳои маҳаллӣ дониста мешавад. Давраи дувуми гардиши сиккаҳои сомонӣ дар ҳудуди Хуттал, ки солҳои 897-934-ро дар бар мегирад, давраи пурравнақ ва нисбатан собит дониста шудааст. Феҳристи мукаммали сиккаҳои сомонӣ ва гардиши он аз ҷониби муҳаққиқи маъруфи аврупоӣ Г. Рисплинг тартиб дода шудааст, ки дар рисола чандин бор ба натиҷаҳои он ишора мегардад. Ҷолиб аст, ки дар баъзе мавридҳо ахбори сарчашмаҳои таърихиро тасдиқ мекунанд ва дар мавориди дигар ахбори нокомили манобеъро такмил мекунанд. Тавре Шарифзода А.  қайд мекунад, муаррихи арабзабон Ибни Асир аз номи Сомониён бар Хуттал ҳукумат кардани Ҷаъфар ибни Абӯ Ҷаъфарро таъкид кардааст. Илова бар ин ахбори сиккаҳо муайян карданд, ки Ҷаъфар ибни Аҳмад на танҳо бар Хуттал, балки бар Вахш, Балх ва Маъдин низ ҳукумат кардааст.

Нуктаи дигаре, ки аз дастоварди муаллифи рисола хабар медиҳад он аст, ки муҳаққиқ аз манобеи таърихӣ дар бораи исёни баъзе ҳокимони Хуттал нисбат ба ҳукумати Сомониён пайдо карда, бар пояи ахбори сиккаҳои бадастомада чунин хулоса мекунад, ки сабаби дар баъзе сиккаҳо дарҷ нагаштани номи волии Хатлон мазҳ сарпечӣ аз итоат ва кӯшиши мустақил шудани онҳо будааст. Давраи сеюми гардиши сиккаҳоро муаллиф бинобар кам будани мавод хеле мухтасар баён кардааст. Қисмати хотимавии ин зербоб бо тавсифи дирҳамҳои калони сомонӣ ба анҷом мерасад. Бар асоси хулосаи муаллиф чунин сиккаҳо то солҳои 30-уми асри XI, яъне замони ҳукумати Ғазнавиён идома пайдо кардааст.  ба ду

масъалаи хеле баҳсталаб ва пурмуаммои таърихи асримиёнагии таърихи халқи тоҷик бахшида шудааст. Дар зербоби аввал дар бораи зарробхонаҳое, ки дар таркиби Ганҷинаи Кӯлоб пайдо шудаанд, маълумот дода мешавад. То ин дам 62 зарробхона маълум буд, ки пас аз таҳқиқоти Шарифзода А. ва кашфи зарробхонаи Вахш адади он ба 63 расид. Дар зербоби мазкур асосан дар бораи ҳамин зарробхона маълумот дода, ба сабаби нисбатан таҳқиқ шудану маълум будани дигар зарробхонаҳо муаллиф аз такрори он парҳез кардааст.

Ба навиштаи муаллифи рисола Вахш собиқаи зарб задани сиккаҳоро дошт ва аз замони салтанати Юнону Бохтар сиккаҳои ин минтақа роиҷ буданд. Нахустин сиккаҳои зарробхонаи Вахши давраи Сомониён аз баракати Ганҷинаи Кӯлоб маълуми аҳли назар гаштанд. Тавре маълум аст, Вахш бештар номи вилоят буда, дар урфи роиҷи сиккасозӣ бештар номи шаҳр навишта мешуд. Муаллифи рисола чанд фарзияи қайд шудани номи Вахшро пешниҳод кардааст, ки қобили тааммул ва мулоҳиза мебошанд. Тавре ишора шуд, баъзе сиккаҳои Ганҷинаи Кӯлоб аз зарробхонаи Маъдин берун омадаанд. Пас аз Хуттал машҳуртарин зарробхонаи ганҷинаи мазкур Маъдин диниста мешавад. Муаллиф имкони ба Хуттал тобеъ будани зарробхонаи Маъдинро аз эҳтимол дур намешуморад. Шаҳри Анадроба то истилои муғул маъруф буда, 123 дирҳами ин ганҷина ба зарробхонаи мазкур тааллуқ дорад, ки ба сабаби маркази тиҷоратӣ будани Анадроба чунин имкон дар он мавҷуд будааст. 7 дирҳами пайдошуда ба зарробхонаи Суғд ва 581 дирҳам ба зарробхонаи Хуттал мутааллиқ аст. Дар ду сиккаи ганҷина шакли тоҷикии вилояти таърихии Хатлон сабт гардидааст, ки хеле муҳим буда, шаҳодат аз ривоҷи забону фарҳанги тоҷикӣ дар қаламрави Сомониён мебошад. Дар поёни зербоби мазкур перомуни зарробхонаҳои Андичароғ ва Қубодиён маълумот дода шудааст, ки дар таркиби Ганҷинаи Кӯлоб аз ин сиккаҳо

мавҷуд набуда, муаллиф ба хотири дар қаламрави Хатлон будани ду вилояти мазкур дар хусуси ду зарробхона маълумот додааст.

**Зербоби охирини рисолаи** Шарифзода А. Қ. «Маълумоти сиккаҳо доир ба баъзе масъалаҳои иқтисодӣ ва сиёсии Хуттал дар замони Сомониён» (сс.147-159) ном дорад. Қайд мегардад, ки сиккаҳо роҷеъ ба вазъи сиёсии Хатлон ахбори муфид медиҳанд. Бар мабнои сиккаҳо муҳаққиқ идеологияи ҳоким бар ҷомеаи Хуросону Мовароуннаҳри асри Х-ро муайян кардааст, ки яке аз нишонаҳои боризи он оятҳову шиорҳои динӣ бар рӯи сиккаҳост. Сипас дар хусуси омилҳои паҳн шудани сиккаҳои сомонӣ дар Аврупои Шарқӣ ва Шимолӣ маълумот дода мешавад, ки хеле ҷолиб мебошад. Андозаву вазни дирҳамҳои Ганҷинаи Кӯлоб низ дар рисола муайян ва дақиқ гаштаанд. Яке аз натиҷаҳое ки муаллиф аз гардиши сиккаҳо ба даст оварда, ин аст, ки музофоти Хуттал бештар бо вилоятҳои Мовароуннаҳр ва Хуросони Шарқӣ иртиботи наздики тиҷоратӣ доштааст. Зербоб бо ҷадвалҳо ва хулосаҳои олимонаи муаллиф ҷамъбаст гардидааст.

**Хулосаи рисола** (сс. 160-163) ҳосили андӯхтаву таҳқиқоти муаллиф перомуни Ганҷинаи Кӯлоб, зарробхонаҳои маъруфи Сомониён, сарнавишти силсилаи Baниҷуриён, сиккасозӣ ва муомилоти пулӣ дар Хуттал ва ҷойгоҳи сиккаҳо дар равшан шудани таърихи минтақа буда, бодалеҳои қатъӣ ва собит баён ёфтааст.

Ҳамин тавр, рисолаи Шарифзода А. Қ. як таҳқиқи муваффақ, бaанҷомрасида ва дар сатҳи баланди илмӣ таълифшуда ба шумор рафта, муаллифи он ба тамоми мақсаду вазифаҳои дар пеш гузошта ноил гардидааст. Рисола аз оғоз то поён бар равиши таҳқиқиву қиёсӣ, хулосабарории мантиқии илмӣ ва навгӯӣ бунёд ниҳода шудааст. Дар баъзе сиккаҳо нохоно будани хат ва ё бо ғалат навишта шудани онро низ муҳаққиқ қайд кардааст, ки гувоҳи хубра ва дар ин фанн соҳибтахассус будани вайро нишон медиҳад. Дар рисола бар асоси сиккаҳои Ганҷинаи

Кӯлоб замони сарпечии амири Хатлон Ҷаъфар ибни Аҳмад аз ҳукумати Сомониён низ тахмин карда шудааст, ки факти ҷолиб барои таърихи халқи тоҷик ва минтақа мебошад. Миёни сиккаҳои ганҷина номи зарробхонаи Вахш низ таъкид шудааст, ки то ин дам дар сиккашиносӣ касе аз он мутталеъ набуд.

Рисолаи мазкур аз камбудиҳои ҷузъӣ низ холӣ нест, ки муҳимтарини он инҳоянд:

1. Дар зербоби якуми боби аввали рисола муаллиф таърихи омӯзиши сиккаҳои сомониро баён карда, дастовард ва камбудиҳои ин осорро баён накардааст, то хонанда ҳам ба вазъи кунунии таҳқиқи сиккаҳои сомонӣ ошно гардида, ҳамчунон зарурати ба амал баровардани ин таҳқиқро бештар дарк намояд.
2. Дар рисола ба масъалаи сиёсӣ, аз он ҷумла, паҳншавии ислом дар минтақаи Хатлон ва инъикоси ҳаёти динӣ дар сиккаҳо аҳамият дода нашудааст. Дар ҳоле ки аз матну тасвирҳои дар рисола мавҷудбуда ба хубӣ метавон ба зарурӣ ва ҳаётӣ будани ин масъала пай бурд;
3. Муаллифи рисола мавҷуд будани баъзе нуқтаҳо ва тасвирҳо бар рӯи сиккаҳоро шарҳ надода, онро сирфан барои ороиш номидааст, ки мантиқӣ ба назар намерасад.
4. Дар рисола қайд шудааст, ки сиккаҳое дар Ганҷина Кӯлоб ба даст омаданд, ки дар Суғд ва Хуттал зарб зада шудаанд. Аммо муаллиф ҷавоби қотеъона дар бораи чироии бар сиккаҳо ҳак ёфтани номи вилоят ба ҷои шаҳрро натавонистааст шарҳу тавзеҳ диҳад.
5. Дар рисола, баъзан такрори матлаб дучор меояд ва инчунин хатоҳои имлоӣ ва техникӣ низ ба чашм мерасанд.

Аммо сарфи назар аз вуҷуди камбудиҳои ҷузъӣ, ки аҳамияти илмии рисоларо коҳиш намедиҳанд, он кори пухтаву мукаммал буда, бар асоси меъёру муқаррароти таъиннамудаи бандҳои 10, 11, 12, 14, 16 – и КОА оиди «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент,

профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.11.2016 №505 тасдиқ гардидааст, мувофиқ буда, муаллифи он Шарифзода Абдувалӣ Қурбоналӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз руйи ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ арзанда мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи васеи кафедраи таърихи дунёи қадим, асрҳои миёна ва бостоншиносии факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон санаи 14-уми январи соли 2020 баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 13 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ:

«ҷонибдор» – 13 нафар;

«муқобил» – нест;

«бетараф» – нест.

Суратҷаласаи № 6 аз 14 январи соли 2020.

**Раискунанда, мудири кафедраи таърихи дунёи қадим, асрҳои миёна ва бостоншиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои таърих** **Хоҷаев М.П.**

**Ташхисгар, дотсенти кафедраи таърихи дунёи қадим, асрҳои миёна ва бостоншиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои таърих** **Асоев С.**

**Котиби ҷаласа, ассистенти кафедраи таърихи дунёи қадим, асрҳои миёна ва бостоншиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Шоинбеков Ф.**

**Имзоҳоро тасдиқ мекунам:**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Тавқиев Э. Ш.**

**Маълумот барои тамос:**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
шаҳри Душанбе 734025, хиёбони Рӯдакӣ 17.
Тел.: 372 21 7711. Сайт ТНУ: www: tnu. tj